# Лоиҳаи эътинои Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд ба бемории COVID-19

Макон: Тоҷикистон
Рақами лоиҳа: 52205
Соҳаи фаъолият: Нақлиёт
Намуди эълон: Давлатӣ
Категорияи экологӣ: B
Санаи ба тасвибрасонӣ: 07 июли соли 2020
Ҳолат: **дар марҳилаи омӯзиш қарор дорад, баррасии ниҳоӣ гузаронида нашудааст**
Санаи нашри маълумот дар ШМҲ бо забони англисӣ: 06 июли соли 2020
*Мутобиқи банди 2.6 фасли III Сиёсати дастрасӣ ба иттилоот, нашри ШМҲ тибқи банди 1.4.4 Дастури дастрасӣ ба иттилоот ба таъхир гузошта шудааст.*

**Шарҳи лоиҳа**
Лоиҳа дар шароити эътинои Бонк ба пандемияи COVID-19 тасдиқ гардид. Бо мақсади роҳ надодан ба таъхир дар амалисозии лоиҳаи мазкур, Президенти Бонк талаботро нисбат ба мӯҳлатҳои муқаррарии нашри маълумот дар бораи ШМҲ, тавре ки дар Фасли V Дастури дастрасӣ ба иттилоот, лағв намуд. Маълумоти муфассалро дар бораи эътинои Бонк ба бемории COVID-19 ва лағви мазкур метавонед дар торнамои мо пайдо намоед.

**Таъсири бемории COVID-19 ва чораҳои эътиноӣ.** ҶСК "Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд" ("Қарзгиранда") пас аз баста шудани фазои ҳавоии Тоҷикистон, бинобар паҳншавии пандемияи COVID-19 фаъолияти худро 20 марти соли 2020 қатъ кард.

***Равиши пешниҳодшудаи фаврӣ ва миёнамуҳлат.*** Бо мақсади рафъи мушкилии норасоии сармояи гардишӣ дар давраи хонанишинӣ ва аз нав оғоз намудани фаъолият, Қарзгиранда бо дархости баррасии имконияти пешниҳоди сармояи гардишӣ дар ҳаҷми 2,0 миллион доллар ("Қарз") барои пӯшонидани хароҷоти ҳадди ақали лозима дар пули нақд аз моҳи апрели соли 2020 то апрели соли 2021, ба Бонк муроҷиат намуд.

**Ҳадафҳои лоиҳа**
Қарзгиранда дар доираи Лоиҳаи пешниҳоди қарзи фаврӣ ба Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд OpID 43343 ("Лоиҳа") муштарии кунунии БАТР мебошад ва ба аксари нишондиҳандаҳои назоратии алоқаманд бо фаъолияти ҷорӣ муваффақ гашт. Гузашта аз ин, се нишондиҳандаи дигар бояд то ба охир расидани лоиҳа то моҳи апрели соли 2021 ба даст оварда шаванд. Қарзи пешниҳодшуда ба Ширкат барои идома додани фаъолият дар давраи буҳрони Covid-19 ва давраи аввали барқароршавии он мусоидат мекунад.

**Таъсир ба раванди гузариш**
Холи таъсири чашмдошт ба раванди гузариш (ТЧГ): 60

**Маълумот дар бораи муштарӣ**
ҶСК "ФУРУДГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУҶАНД"
ҶСК "Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд", ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, тавассути Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии назди Ҳукумати Тоҷикистон комилан моликияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

**Маълумоти мухтасар оид ба маблағгузории БАТР**

2,000,000.00 доллари ИМА

**Арзиши умумии лоиҳа**
2,000,000.00 доллари ИМА

**Ҳаҷми захираҳои иловагӣ**
Маблағгузории БАТР дар ҳолати фавқулоддаи бар асари буҳрони COVID-19 пешомада пешниҳод мегардад. Маблағгузории БАТР бинобар шароитҳои номусоидии бозор, ба монанди буҳрони COVID-19, норасоии дороиҳои пардохтпазирро ба таври муассир бартараф месозад. Маблағгузории пешниҳодшуда ба таҷрибаи пешинаи БАТР такя мекунад, ки дар он сохтори маблағгузорӣ, муколамаи сиёсӣ ва таҷрибаву дониш ба Ширкат ҷиҳати ба даст овардани стандартҳои баландтар мусоидат намудаанд.

**Маълумоти мухтасар дар бораи масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ**

Лоиҳа ба категорияи Б (2019 ESP) дохил карда шудааст. Таъмини сармояи гардишии кӯтоҳмуҳлат ба Ширкат бо ягон хавфи нави экологӣ ё иҷтимоӣ ё таъсирот алоқамандӣ надорад. Санҷиши пурраи экологӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби мутахассиси СЭИ мутобиқи эътино ба COVID-19 гузаронида шуда, он баррасии саволномаи СЭИ, гузоришҳои солонаи экологӣ ва иҷтимоии (ЭваИ) аз ҷониби Ширкат ба Бонк пешниҳодшуда ва маълумоти ба омма дастрасро дар бар гирифта буд. Натиҷаҳои СЭИ собит намуданд, ки Ширкат риояи қонунгузории миллӣ, талаботи дахлдорро оид ба татбиқи лоиҳа (ТТ) идома медиҳад ва тибқи ҷадвал нақшаи амал оид ба масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоиро (НАЭИ) иҷро мекунад. Ғайр аз ин, Ширкат идоракунии хавфҳои ЭваИ нерӯи ниҳодии худро нигоҳ дошта, айни замон машғули бартараф намудани хавфҳои бехатарии ҷамъиятӣ мебошад, аз ҷумла хавфҳои ҳифзи меҳнат ва беҳдошт, ки бо тадбирҳои эътино ба COVID-19 алоқаманд мебошанд.

Баста шудани парвозҳо ба Ширкат таъсири манфӣ расонд; аксари кормандони он то беҳтар шудани вазъи алоқаманд бо COVID-19 ва пайдо шудани имконияти бозгашт ба кор дар рухсатии бемузд қарор доранд. Бонк бо Ширкат баҳри таъмини дастгирии минбаъдаи кормандони худ мутобиқи ТТ 2 ва талаботи миллӣ кор мекунад. Айни замон, Ширкат дар давоми ду соли оянда ягон нақшаи азнавсозӣ ё ихтисори кормандонро надорад, аммо дар сурати тағйир ёфтани он, Ширкат бояд нақшаи ихтисори кормандонро мутобиқи ТТ 2 таҳия намуда, ба БАТР пешниҳод намояд. Дар асоси натиҷаҳои СЭИ, Бонк дар раванди ҳамоҳангсозии НАЭИ таҷдидшуда, ки дар он масъалаҳои ҳангоми гузаронидани СЭИ муайяншуда ва алоқаманд бо COVID-19, баррасӣ мегарданд. Ба он таҳияи нақшаҳои эътинои марбут ба идоракунии захираҳои инсонӣ ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор баҳри бартарафсозии паёмадҳои COVID-19 дохил мешаванд. Муштарӣ вазифадор аст, ки назорати мутобиқати лоиҳаи навро бо ТТ идома диҳад ва инчунин ҳисоботи солонаи ЭваИ-ро ба Бонк пешниҳод кунад.

**Ҳамкории техникӣ ва маблағгузории грантӣ**
Нест.

**Маълумот дар бораи Ширкат барои тамос**
Ҷаноби Қурбони Алимардон
info@sogdavia.com
+992342260499
+992342260499
кӯчаи Аэропорт, 15, Тоҷикистон 735715

## Дарки давраи гузариш

Маълумоти иловагиро оид ба равиши БАТР нисбати давраи гузариш ва муайянсозии холи нишондиҳандаи таъсири чашмдошти (НТЧ) лоиҳа метавонед дар ин ҷо пайдо намоед.

## Имкониятҳои соҳибкорӣ

Барои маълумот дар бораи имкониятҳои соҳибкорӣ ё харид, ба ширкати мизоҷ тамос гиред.

Барои маълумот дар бораи имкониятҳои ҳамкорӣ бо БАТР (фаъолияте, ки бо харид алоқаманд нест) аз рақами телефонӣ ва суроғаи электронии зерин истифода баред:
Тел: +44 20 7338 7168
Суроғаи электронӣ: projectenquiries@ebrd.com
Барои маълумот дар бораи лоиҳаҳои бахши давлат ба саҳифаи Хариди БАТР ташриф оред: Тел: +44 20 7338 6794
Суроғаи электронӣ: procurement@ebrd.com

## Дархостҳои умумӣ

Дархости мушаххасро метавонед бо истифода аз Шакли дархости БАТР ирсол намоед.

## Сиёсати экологӣ ва иҷтимоӣ (СЭИ)

СЭИ ва талаботҳо нисбати амалисозии лоиҳа (ТАЛ) роҳҳоеро муайян мекунанд, ки БАТР тавассути онҳо ӯҳдадории худро дар пешбурди "рушди аз ҷиҳати экологӣ асоснок ва устувор" иҷро мекунад. СЭИ ва ТАЛ муқаррароти мушаххасро дар бораи он ки мизоҷон бояд талаботи амалакунандаи қонунгузории миллӣ дар бораи маълумоти ҷамъиятӣ ва машваратҳо риоя кунанд ва инчунин таъсисдиҳии механизми баррасии шикоятҳоро барои қабули нигарониҳо ва шикоятҳои ҷонибҳои манфиатдор ва мусоидат ба ҳалли онҳо, бахусус шикоятҳое, ки ба риояи талаботи экологӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби мизоҷ ва лоиҳа алоқамананданд, дар бар мегиранд. Вобаста аз хусусият ва миқёси хавфҳои экологӣ ва иҷтимоии лоиҳа БАТР аз мизоҷони худ аз рӯи зарурат ифшои маълумот дар бораи хавфҳои ва таъсироте, ки дар натиҷаи амалисозии лоиҳа ба вуҷуд меоянд ё гузаронидани машваратҳои пурмуҳтаво бо ҷонибҳои манфиатдор, баррасӣ ва эътино ба фикру мулоҳизаҳои онҳоро иловатан талаб мекунад.

Маълумоти иловагӣ дар бораи фаъолияти БАТР дар ин самт дар СЭИ оварда шудааст.

## Поквиҷдонӣ ва риояти талабот

Идораи Сармутахассис оид ба риояи талабот (ИСР) дар БАТР ба раванди идоракунии самаранок мусоидат намуда, истифодаи меъёри баландтарини поквиҷдониро нисбати тамоми фаъолияти Бонк тибқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ, таъмин менамояд. Бо мақсади кафолат додани он, ки лоиҳаҳо ба обрӯй ва эътибори Бонк таҳдид намекунанд санҷиши муносиби поквиҷдонӣ нисбати ҳамаи мизоҷони Бонк гузаронида мешавад. Бонк итминон дорад, ки муайянсозӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳо дар марҳилаи арзёбӣ ва тасдиқи лоиҳа воситаи самарабахши таъмини поквиҷдонӣ дар амалиётҳои

Бонк мебошад. ИСР дар ин талошҳои муҳофизатӣ нақши калидӣ дорад ва инчунин дар пайгирии хавфҳо дар лоиҳаҳо пас аз сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

ИСР барои таҳқиқи даъвоҳои қаллобӣ, коррупсия ва бадрафторӣ дар лоиҳаҳои аз ҷониби БАТР маблағгузоришаванда низ масъул мебошад. Ҳар касе, ки дар дохил ё берун аз Бонк қарор дорад ва гумони амали қаллобӣ ё коррупсия дорад, бояд ба Сармутахасси оид ба риояи талабот бо истифода аз суроғаи электронии compliance@ebrd.com гузориши хаттиро ирсол намояд. Тамоми масъалаҳои иттилоъ додашуда аз ҷониби ИСР ҷиҳати андешидани чораҳои минбаъда мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Тамоми гузоришҳо, аз он ҷумла гузоришҳои беном баррасӣ мегарданд. Гузоришҳоро метавон бо забони дилхоҳи Бонк ё забони кишвари фаъолияти Бонк тартиб дод.  Маълумоти пешниҳодшуда бояд софдилона бошад.

## Сиёсати дастрасӣ ба маълумот (СДМ)

1 январи соли 2020 пас аз эътибор пайдо намудани Сиёсати дастрасӣ ба маълумот чӣ гуна БАТР маълумотро ифшо мекунад ва чӣ тавр бо ҷонибҳои манфиатдори худ бо мақсади мусоидат ба боло бурдани сатҳи огоҳӣ дар бораи стратегияҳо, сиёсатҳо ва амалиётҳои худ машварат мекунад, дар сиёсати мазкур муайян шудааст. Барои фаҳмидани он ки кадом маълумот дар торнамои БАТР дастрас мебошад лутфан ба саҳифаи Сиёсати дастрасӣ ба маълумот  ташриф оред.

Бо истифода аз Шакли дархости БАТР метавонед дархости мушаххасро барои маълумот ирсол намоед.

## Механизми баррасии шикоятҳои алоқаманд бо лоиҳа (МБШЛ)

Агар масъалаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва ҷамъиятии алоқаманд бо ифшои маълумот аз ҷониби Мизоҷ ё Банк ҳаллу фасл нагарданд (масъалан тавассути механизми баррасии шикоятҳо дар сатҳи Лоиҳа ё дар ҳамкории бевосита бо роҳбарияти Бонк), шахсони алоҳида ва ташкилотҳо метавонанд тавассути Механизми ҳисоботдиҳии БАТР барои ҳалли мушкилиҳои худ талош намоянд.

Механизми ҳисоботдиҳӣ масъалаҳои марбут ба Лоиҳа, ки зарари худро расонидаанд ё метавонанд расонанд бевосита баррасӣ мекунад. Механизм дорои ҳадафҳои зерин мебошад: дастгирии муколама байни ҷонибҳои манфиатдори Лоиҳа барои ҳалли масъалаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва ҷамъиятии марбут ба ифшои маълумот; муайян намудани он, ки оё Бонк Сиёсати экологӣ ва иҷтимоии худ ё муқаррароти  Сиёсати дастрасӣ ба маълумот, ки хоси Лоиҳа мебошанд, риоя мекунад ё не; ва аз рӯи зарурат, бартараф намудани ҳама гуна ҳолатҳои риоя накардани ин сиёсатҳо дар баробари пешгирии ҳолати риоя накардан аз ҷониби Бонк дар оянда.

Барои фаҳмидани он, ки чӣ тавр метавонед шикоятро бо истифода аз шакли махфии онлайн, тариқи почтаи электронӣ, почтаи муқаррарӣ ё телефон ирсол намоед, лутфан ба торнамои мо ташриф оред. Мо омодаем мушкилиҳои шуморо муҳокима кунем ва ба

саволҳои алоқаманд бо пешниҳод ва баррасии шикоятҳо посух диҳем. Маълумоти шахсии шикояткунандагон аз рӯи дархост метавонад махфӣ нигоҳ дошта шавад.

Ба таваҷҷуҳи шумо мерасонем, ки пас аз таъин намудани роҳбари ин механизми нав дар соли 2020 Сиёсати ҳисоботдиҳии лоиҳа ва Дастурамали аз нав дида баромадашуда, ки тартиби баррасии шикоятҳоро муайян месозанд, эътибор пайдо мекунанд.